Тақризи мушовири илмӣ

номзади илми филология, дотсент Исмонов Кароматулло Бадридинович ба докторанти Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос Алҷуҳанӣ Султон Абдукарим

Воқеан, яке аз равишҳои муҳим дар забономӯзӣ ин муқоиса намудани ифодаҳои як забон ба забони дигар буда, барои ошкор намудани вижагиҳои сарфию наҳвӣ ва услубии забон мусоидат мекунад. Хусусан, муқоиса намудани матнҳои тарҷумашудаи забони форсӣ ба забони арабӣ, ки сарфи назар аз ҳамзистии таърихӣ аз нигоҳи хостангоҳи забонӣ ба оилаҳои гуногун тааллуқ доранд, барои омӯзиши ин ду забон бисёр муҳим талаққӣ мешавад. Бо назардошти ин нукта диссертатсияи докторанти Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос Алҷуҳанӣ Султон Абдукарим зери унвони «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www.irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian(بی بی سی)» муҳим ва саривактӣ ба шумор меравад. Зеро такя ба натиҷаҳои дар ин диссертатсия бадастомада нафаре, ки ба омӯзиши забони форсӣ ё арабӣ машғул аст, ҳатман, ба хусусиятҳои ин ду забон ва дигаргуниҳое, ки зимни тарҷума сурат мегирад, ошноӣ пайдо мекунад.

Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он ба назар мерасад, ки ин мавзуъ нахустин бор дар забоншиносии тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Диссертант дар се боби диссертатсия тавонистааст мавзуи мавриди назарро, аз паҳлуҳои гуногуни назариявӣ-илмӣ ва татбиқӣ-амалӣ, мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Дар таълифи диссертатсия докторант Алҷуҳанӣ Султон Абдукарим ба таври самаранок фаъолият карда, оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия 3 мақола ба нашр расонидааст.

Бо такя ба таҳлилҳои боло метавон гуфт, ки диссертатсияи Алҷуҳанӣ Султон Абдукарим зери унвони «Вижагиҳои матнҳои сиёсии тарҷумашуда аз забони форсӣ ба забони арабӣ (бар асоси расонаҳои www.irna.ir (ایرنا), www. BBC Persian(بی بی س)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи лимии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901 – Забони форсӣ) мебошад.

Номзади илми филология,
дотсент Исмонов К.Б.

«01» 12 2022

Имзои Исмонов К.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Тавқиев Э.Ш.